«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_______________ Раҳмон Д. С.
«____» __________ соли 2024

# ХУЛОСАИ
## ҷаласаи кафедраи молия ва қарзи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Диссертатсияи номзадии Вазирзода Дилором Раҷамат дар мавзуи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пул ва қарз пешниҳод карда шудааст, дар кафедраи молия ва қарзи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

Вазирзода Дилором Раҷамат солҳои 2015-2020 ба ҳайси унвонҷӯ дар шуъбаи Тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои илмӣ-педагогии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият намудааст.

Вазирзода Дилором Раҷамат, соли таваллудаш 1985, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008 факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯи ихтисоси менеҷмент хатм намудааст.

Аз 1.09.2008 то 25.12.2010 дар вазифаи ассистенти кафедраи менеҷмент, аз 25.12.2010 то 10.04.2014 танзимгари факултети иқтисодӣ, аз 10.04.2014 то 21.05.2015 дар вазифаи ҷонишини декан оид ба таълими факултети иқтисод ва идора, аз 8.10.2015 то 7.12.2016 ба ҳайси муаллими калони кафедраи молия ва бонкдорӣ ва аз 11.09.2019 то ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи молия ва қарз фаъолият дорад.

Тибқи қарори шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 29 майи соли 2015 суратмаҷлиси №10 - мавзуи диссертатсияи номзадии Вазирзода Дилором Раҷамат бо номи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», зери роҳбарии н.и.и., дотсент Мирсаидов Муҳаммаднаим Негматович тасдиқ карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Мирсаидов Муҳаммаднаим Негматович, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Мубрамият ва зарурияти баргузории таҳқиқот.** Маблағгузории хурд падидаи навини иқтисодӣ дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир маҳсуб меёбад. Аммо таърихи рушди онро муҳаққиқони ин мавзуъ ба ибтидои солҳои 1700 мансуб медонанд. Дар ин сол Джонатан Свифт аввалин фонди қарзии Ирландияро таъсис дод, ки ба табақоти аҳолии камбизоату қашшоқ маблағҳои хурди қарзиро ба мӯҳлатҳои кӯтоҳ баҳри беҳбуд бахшидан ба вазъи зиндагии онҳо, махсусан аҳолии камбизоату қашшоқи деҳот пешниҳод менамуд. Мафҳуми маблағгузории хурд маънои расонидани намудҳои асосии хизматрасониҳои молиявӣ ба аҳолии камбизоат ва қашшокро ифода мекунад.

Таҳқиқоти илмии мо нишон дод, ки бо як қатор сабабҳои объективию субъективӣ аҳолии камбизоат ва қашшок аз хизматрасониҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ-молиявии анъанавӣ бебаҳра мемонанд. Аз ин рӯ, зуҳури раванди маблағгузории хурд ҳамчун як падидаи навини иқтисодӣ амри воқеӣ ба шумор меравад. Таҷрибаи як қатор давлатҳо нишон медиҳад, ки он ҳамчун воситаи паст кардани сатҳи қашшоқӣ ба баландшавии сатҳи зиндагии аҳолии камбизоату қашшоқ мусоидат менамояд. Дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ имконияти дарёфти кори сердаромаду доимӣ маҳдуд аст. Бо дарназардошти ин маблағгузории хурд барои дастгирии фаъолияти соҳибкории хурд дар ин давлатҳо нақши муҳимро мебозад. Зеро дар ин давлатҳо шумораи аҳолие, ки ба соҳибкории индивидуалӣ (инфиродӣ) машғуланд, зиёда аз 50% қувваи кории онҳоро ташкил медиҳанд.

Дар шароите, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ барои дастрас шудан ба Ҳадафҳои Тараққиёти Ҳазорсола кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ташаккулёбию равнақи ин падидаи навини иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар ҷумҳурии мо шоёни дастгирӣ мебошад. Дар солҳои аввали истиқлолият вазъи қашшоқию камбизоатӣ дар ҷумҳурии мо аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқӣ хело ҳам ҷиддӣ арзёбӣ гардида буд.

Маҳз бо зарурати ташаккул ва рушди ин падидаи муҳимми иқтисодӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 «пурзӯр намудани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявию қарзӣ (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии хурд,

ширкатҳои суғуртавӣ, лизингӣ, биржаи коғази қиматнок ва ғайра) аз ҳисоби ҷорӣ намудани низоми стандартҳои байналмилалии фаъолият, баланд бардоштани талаботи ҳадди ақал нисбати сармоя, пурзӯр намудани талаботи захиравӣ барои таъмини афзоиши суботи молиявии онҳо, ташкили низоми муосири идоракунии хавфҳо ба сифати самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи ислоҳоти бахши молиявӣ ҳамчун тадбирҳои муҳим муайян шудаанд».

Бояд қайд кард, ки ташкилотҳои маблағгузории хурд ҳамчун сохтори таркибии муассисаҳои молиявию қарзӣ дар бахши молиявии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 баҳисоб мераванд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз 16.04. 2012, № 816 омадааст, ки ташкилотҳои маблағгузории хурд (ташкилоти амонатии қарзии хурд, ташкилоти қарзии хурд ва фонди қарзии хурд) – ташкилотҳои қарзие, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ба фаъолияти маблағгузории хурд машғул мебошанд.

Таҳлили динамикаи қарзҳои додаи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар буриши соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар давраи таҳлил ҳаҷми умумии қарзҳои мазкур ба андозаи 1,3 баробар тамоюл ба афзоиш доранд. Аммо як нуқта нигаронкунанда аст, ки дар давраи таҳлил дар ҳаҷми қарздиҳии ТМХ ба соҳаҳои сектори воқеии иқтисодиёт тамоюли камшавӣ ба назар мерасад. Ҳаҷми қарздиҳии ТМХ ба соҳаҳои хӯроки ҷамъиятӣ, сохтмон, нақлиёт ва дигар соҳаҳои умумӣ кам гардидааст. Яъне дар ин раванд, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки дар давраи таҳлил ТМХ нисбати дигар сохтори низоми бонки дар мавриди додани қарзҳо новобаста ба рушди қарздиҳӣ камфаъол буданд. Тоҷикистон дар радабандии байналмилалии сатҳи камбизоатӣ начандон таскинбахш аст.

Бинобар ин фаъолкунонии ташкилотҳои маблағгузории хурд муҳим баназар расида, рушду инкишофи онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки шумораи афзояндаи мардум ба ин раванд ҷалб карда шаванд.

Мавҷудияти мушкилоти зикршуда, зарурати пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таҳлилу арзёбӣ ва муайянкунии самтҳои асосии ташаккул ва равнақи маблағгузории қарзҳои хурдро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мекунад, ки дар маҷмуъ мубрамии мавзуи таҳқиқотиро муайян менамояд.

**Дараҷаи татбиқ ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дурустии миқдори кофии маводи таҳқиқотӣ, ҷамъоварӣ, коркард, таҳлилҳо, маълумоти ҷадвалу диаграммаҳоро оид ба вазъи маблағгузории хурд

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаҳои омори расмии ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ ва нашри натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои илмии бонуфузи ватанӣ аз ҷониби муаллиф тасдиқ мекунанд. Хулосаҳо ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асоснок гардидаанд.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот**. Кори таҳқиқотӣ дар кафедраи молия ва қарзи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шудааст.

**Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Мазмуни асосии диссертатсия аз тарафи муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ ва маводи конференсияҳои илмии назариявӣ ва амалии Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, тариқи мақолаву маърузаҳо нашру муҳокима гардида, баҳои мусбат гирифтаанд.

Муқаррароти хусусияти методологӣ ва амалии кор дар ҷараёни таҳқиқот таҳияшуда дар раванди эҷоди навовариҳо истифода шуданд. Инчунин, дар ҷараёни таълими факултетҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳангоми хондани дарсҳои лексионию гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои «Назарияи молия», «Молия ва қарз» ва «Пул, қарз, бонк» мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Навгониҳои илмии натиҷаҳои таҳқиқот.** Ба навгониҳои асосии диссертатсия бандҳо зерин дохил мешаванд:

- ҷанбаҳои илмии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир ва Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, мафҳуми маблағгузории хурд дар мазмуни нав ҳамчун падидаи навини иқтисодие, ки ба хизматрасониҳои молиявӣ барои аҳолии камбизоату қашшоқ бо мақсади беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ ва рушди соҳибкории хурд марбут аст, маънидод шудааст;
- хусусиятҳо ва принсипҳои асосии ташаккул ва равнақи раванди маблағгузории хурд баррасӣ гардида. вазифаҳои асосии маблағгузории хурд, аз ҷумла: мусоидат ба шуғли аҳолии камбизоат ва қашшоқ тавассути худмашғулӣ, ташаккули микробизнес ё соҳибкории хурд, афзоиши пардохтҳо

ба буҷаи давлат аз ҳисоби шуғли аҳолӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд, ҳифзи иҷтимоии аҳолии камбизоат тавассути микроқарзҳои истеъмолӣ, инчунин шаффофӣ дар бозори маблағгузории хурд ба аҳолии камбизоат ва маҳви судхӯрӣ эҷод ва пешниҳод карда шудааст;

- ➢ вазъи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буриши минтақаҳои он таҳлил гардида, раванди маблағгузории хурд ва таъсири он ба пастравии сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардидааст;
- ➢ тарҳрезии ташкилотҳои маблағгузории хурди босубот дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шуда, масоили беҳтаргардонии таҷрибаи маблағгузории хурд аз нигоҳи коркард ва такмили маҳсулоту хизматрасониҳо, унсурҳои асосии тарҳрезии ташкилотҳои маблағгузории хурди устувор ва идоракунии пардохт нашудани қарзҳо ва пешгирии зарарҳо ҳамчун шарти муҳимми устувории фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод карда шудааст;
- ➢ тарафҳои қавӣ, заиф, имкониятҳо ва хатарҳои бозори маблағгузории хурд тавассути усули SWOT-таҳлил ва муайян карда шуда, роҳҳои ташаккул ва равнақи бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва пешкаш шудааст;
- ➢ таҷрибаи ташаккул ва рушди маблағгузории хурд дар мамолики хориҷӣ омӯхташуда, қайд шудааст, ки дар кишварҳои бармаҳал амалисозиро оғозкарда, маблағгузории хурд хеле ташаккул ёфта, ба афзоиши даромади хонаводаҳо мусоидат намуда, барои рушди сармояи инсонӣ имконият фароҳам овардааст, он барои ашхоси воқеӣ, аз ҷумла ба бекорони дорои неруи эҷодӣ ва соҳибкорӣ имкон додааст, ки барои оғози ин ва ё он фаъолият сармоя дастрас намуда, ягон намуди машғулияти фоидаоварро ташкил намоянд.

**Манбаи иттилоотиро** сарчашмаҳои асосии маълумот ва озмоишии таҳқиқотро санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои маблағгузории хурд, маводҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисоботи солонаи мақомотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд ташкил доданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мазмуни асосии диссертатсия дар 15 мақолаи илмии муаллиф дар нашрияҳои гуногун, аз ҷумла 4 мақола дар нашриёти аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, нашр шудаанд.

**Моҳияти амалии диссертатсия.** Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зуҳур мекунад, ки таҳлилҳо, баҳодиҳиҳо, таснифоту коркардҳо, дурнамою пешниҳодоти муаллифро барои ҳалли мушкилот ва истифодаи вазъи маблағгузории хурд ва таъсири он ба сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои асосии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тарҳрезию банақшагирии барномаҳои минтақавию соҳавӣ метавон истифода бурд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни асосии диссертатсия дар 199 саҳифаи матни чопии компютерӣ навишта шуда, шомили 12 ҷадвал, 10 расм ва 5 диаграмма мебошад.

### Рӯйхати корҳои нашршуда вобаста ба мавзуи рисолаи илмӣ:

### А) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда

[1-М] Бобохонова Д.Р. Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди маблағгузории хурд [Матн] / М.Н. Мирсаидов., Д.Р. Бобохонова// Кишоварз. ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур. -Душанбе, 2019- №4(85)-С156-160.

[2-М] Вазирзода Д.Р. Таҷрибаи рушди маблағгузории хурд дар мамолики хориҷӣ [Матн] / Тағоев Ҷ.А., Файзуллоев Т.Т., Вазирзода Д. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – Душанбе: «Сино», 2021.-№8.-С.118-127.

[3-М] Вазирзода Д.Р. Таҳлили вазъи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буриши минтақаҳои он [Матн] / Вазирзода Д.Р. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – Душанбе: «Сино», 2022.-№7. -С.95-108.

[4-М] Вазирзода Д. Р. Хусусиятҳо ва принсипҳои асосии ташаккул ва равнақи раванди маблағгузории хурд [Матн] // Вазирзода Д.Р. // Паёми молия ва иқтисод №3 (32)-Душанбе-2022.-С.204-212.

### Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:

[5-М] Хусусиятҳо ва омилҳои фазои сармоягузорӣ дар ноҳияи Ш.Шоҳин. [Матн] / С.А. Сафаров., Д.Р. Бобохонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ –назариявӣ дар мавзӯи «Нақш ва

аҳаммияти сармоягузорӣ дар рушди иқтисоди миллӣ» (ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ)- Кӯлоб 2016) – С 509-513.

[6-М] Бобохонова Д.Р. Модели рушди иҷтимоӣ – иқтисодии ноҳияи Кӯлоб [Матн] / С.А.Сафаров., Д.Р. Бобохонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ –назариявӣ дар мавзӯи «Ҷавонон ва масоили рушди молиявии ҷомеа» (ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ)- Кӯлоб 19- май 2017) – С 65-70.

[7-М] Бобохонова Д.Р. Финансовые аспекты деятельности страховой организации [Матн] / Д.Р. Бобохонова, К.Одинаев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ –назариявӣ дар мавзӯи «Ҷавонон ва масоили рушди молиявии ҷомеа» (ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ)- Кӯлоб 19- май 2017) – С 153-155. 199

[8-М] Бобохонова Д.Р. Идоракунии хатарҳо дар ташкилотҳои микромолиявӣ [Матн] / Д.Р. Бобохонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ –назариявӣ дар мавзӯи «Ҷавонон ва масоили рушди молиявии ҷомеа» (ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ)- Кӯлоб 19- май 2017) – С 180-184.

[9-М] Бобохонова Д.Р. Молиякунонӣ дар самти истифодаи заминаҳои кишоварзии вилояти Хатлон [Матн] / Б.Н. Комилов., Д.Р. Бобохонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ –назариявӣ дар мавзӯи «Ташаккули сиёсати кластерӣ ҳамчун асоси самтнокии инноватсионӣ ва рақобатпазирии минтақа» (ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ) - Кӯлоб 20--)–С .17-22.

[10-М] Бобохонова Д.Р. Методологияи маблағгузории хурд ва усулҳои дарёфту фарогирии аҳолии камбизоат [Матн] / Д.Р. Бобохонова // Маҷаллаи илмӣ – амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Илм ва инноватсияҳои ҷаҳонӣ 2020: Осиёи марказӣ» дар Ҷумҳурии Қазоқистон С 20-22.

[11-М] Вазирзода Д.Р. Таърихи ташаккули маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Н. Мирсаидов. Д.Р. Вазирзода // Маводи онлайн видеоконференсияи илмию амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноаткунонии босуръати кишвар” (ДТМИК, 13- ноябри 2020 шаҳри Кӯлоб) – С 517-524.

[12-М] Вазирзода Д.Р. Таҳлили вазъи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Н. Мирсаидов. Д.Р. Вазирзода // Маҷаллаи илмӣ –оммавии «Илм ва технологияи асри XXI» дар мавзӯи «Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноаткунонии босуръати кишвар” (ДТМИК, Кӯлоб-2020 №1(1)-С.130-143.

[13-М] Вазирзода Д.Р. Идоракунии пардохти қарзҳо ва пешгирии зарарҳо ҳамчун шарти муҳимми устувории ташкилоти микромолиявӣ дар шароити муосир [Матн] // Д.Р. Вазирзода / Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (COVID-19)» (ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, 11 декабри соли 2021, шаҳри Кӯлоб) - Душанбе: «Нашриёти муосир», 2021. – С. 231-239.

[14-М] Вазирзода Д.Р. Арзёбии раванди маблағгузории хурд ва таъсири он ба пастравии сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ назариявӣ дар мавзуи "Масоили муҳимми таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои ҷаҳон дар шароити муосир"( 9-10 .06.2023, ш.Кӯлоб) -С.324-337

[15-М] Вазирзода Д.Р. Унсурҳои асосии тарҳрезии ташкилотҳои маблағгузории хурди устувор// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ» (19-20.12.2023, ш.Кӯлоб) –С.223-228.

Аз натиҷаи баррасии пешакии таҳқиқоти диссертатсионии диссертант Вазирзода Д.Р. дар ҷаласаи кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чунин

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Баромади Вазирзода Дилором Раҷамат дар мавзуи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 Молия, муомилоти пул ва қарз, хулосаи роҳбари илмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент Мирсаидов М.Н. ва арзёбии баромадкунандагон номзадони илмҳои иқтисодӣ Ҳусейнов М.Н. ва Сафаров А.А. ба инобат гирифта шавад.
2. Диссертатсияи Вазирзода Д.Р. дар мавзуи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 Молия, муомилоти пул ва қарз, пешниҳод гардидааст, кори ба итмомрасидаи илмӣ ва ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ дониста шавад.
3. Диссертатсияи Вазирзода Д.Р. дар мавзуи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 Молия, муомилоти пул ва қарз, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз «_9_»_01_ соли 2024, протоколи №_5/1_қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушод: «тарафдор» – 20 нафар; «зид» – нест; «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент,**
**мудири кафедраи молия ва қарзи**
**ДДК ба номи А.Рӯдакӣ** **Комилов Н.Б.**

**Котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи**
**молия ва қарзи ДДК ба номи А.Рӯдакӣ** **Тешаев М.С.**

**Имзоҳои н.и.и., и.в., дотсент Комилов Н.Б. ва Тешаев М.С.-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДДК ба номи А.Рӯдакӣ** **Амиров Ф.А.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«_16_» ___01___ соли 2024